آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

21 июни соли 2023
Чоршанбе
№ 49 (14956)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

*Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон*

## ДАР БОРАИ ҶАШНИ ИДИ ҚУРБОН

Иди Қурбон, ки дар тӯли садсолаҳо арзишҳои олиҷаноби умумиинсонии ба халқамон хос, ба мисли меҳрубонӣ, меҳру оқибат ва саховатмандиро намоиш медиҳад, ба боз ҳам мустаҳкам шудани ҳисси ҳамҷиҳатӣ, саховатмандӣ ва шукронагӣ дар Ватани азизамон саҳми бебаҳо мегузорад. Бо назардошти аҳамияти ин ҷашни бузург дар ҳаёти маънавии мо ва сазовор истиқбол гирифтани он дар кишвар:

**1.** Бо дарназардошти қарори Шӯрои уламои Идораи мусулмонони Ӯзбекистон дар бораи соли ҷорӣ ба санаи **28 июн – чоршанбе** рост омадани рӯзи аввали иди Қурбон **28 июни соли 2023** дар кишвар ҳамчун рӯзи иди Қурбон васеъ таҷлил карда шавад.

**2.** Ба эътибор гирифта шавад, ки бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои дар сатҳи муносиб таҷлил намудани иди Қурбон бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 23 декабри соли 2022 № ФП-270 «Дар бораи муқаррар намудани рӯзҳои иловагии ғайрикорӣ дар давраи таҷлили санаҳои расмӣ ва кӯчондани рӯзҳои истироҳат дар соли 2023» барои ҳамаи кормандон, новобаста аз намудҳои ҳафтаи корӣ **29-30 июни соли 2023**, барои кормандоне, ки ҳафтаи кории шашрӯза доранд – **1 июл рӯзҳои иловагии ғайрикорӣ** муқаррар карда мешавад.

**3.** Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд якҷоя бо Кумитаи оид ба корҳои дин ва ташкилотҳои шарик барои дар асоси анъанаҳо ва арзишҳои миллии халқи мо гузарондани иди Қурбон чораҳои дахлдор андешанд.

**4.** Вазорати фарҳанг ва сайёҳӣ якҷоя бо Вазорати нақлиёт барои ташкили зиёрати ҷойҳои муқаддас ва зиёратгоҳҳо барои ҳамватанон дар рӯзҳои иди Қурбон шароиту имкониятҳои мусоид фароҳам оварад.

**5.** Ба Ширкати миллии телевизион ва радиои Ӯзбекистон, Агентии миллии ахбори Ӯзбекистон ва дигар воситаҳои ахбори оммавӣ тавсия дода шавад, ки чорабиниҳои марбут ба таҷлили иди Қурбонро васеъ инъикос намоянд.

**6.** Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А. Н. Арипов ва мушовири Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон М. М. Комилов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД, 19 июни соли 2023.*

***Зимни мулоқот ҷонибҳо масъалаҳои мубрами ҳамкориҳои Ӯзбекистону Қазоқистонро дар заминаи рушди муносибатҳои байнипарлумонӣ ва додани такони иловагӣ ба муносибатҳои байнидавлатӣ баррасӣ намуданд.***

## РАИСИ СЕНАТ БО ПРЕЗИДЕНТИ ҚАЗОҚИСТОН МУЛОҚОТ КАРД

Қосим-Ҷомарт Тоқаев Танзила Норбоеваро хайрамақдам гуфта, барои дастгирӣ ва иштироки фаъолонааш дар ташаббуси муҳим – Муколамаи занони Осиёи Марказӣ, ки имрӯз дар Остона баргузор шуд, изҳори сипос намуд.

Сарвари Ҷумҳурии Қазоқистон изҳори итминон кард, ки натиҷаҳои ҷаласаи нахустини ин платформа ба фаъол шудани ҳамкориҳои дохиliминтақавӣ мусоидат намуда, имкон медиҳад, ки роҳҳои ҳалли дарозмуддат дар соҳаи таъмини баробарии гендерӣ ва рушди устувор дар Осиёи Миёна тахия карда шаванд.

Президенти Қазоқистон Қ.Тоқаев қайд кард, ки сафари Раиси Сенат намунаи равшани хусусияти хоси ҳамкориҳои дуҷониба буда, ба сатҳи шарикии стратегӣ ва иттифоқӣ байни Қазоқистон ва Ӯзбекистон комилан мувофиқ аст.

– Мо ба натиҷаҳои сафари давлатиамон ба Ӯзбекистон моҳи декабри соли гузашта баҳои баланд медиҳем. 3 марти соли равон дар Чимкент мулоқоти ғайрирасмӣ баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои мубрами ҳамкориҳои кишварҳои мо баррасӣ шуданд. Боиси хушнудист, ки кори ҳамоҳангшуда на танҳо дар сатҳи ҳукумат амалӣ мешавад, балки дипломатияи байнипарлумонӣ низ фаъолона инкишоф меёбад. Аз ин рӯ, ман аз соли оянда дар Самарқанд баргузор шудани Форуми дуюми байнипарлумонӣ истиқбол мекунам, – гуфт Қосим-Ҷомарт Тоқаев.

Танзила Норбоева барои пазироии гарму ҷӯшон изҳори сипос карда, таманноҳои неки Президент Шавкат Мирзиёевро расонд.

– Мо ба ислоҳоти васеъмиқёсе, ки тахти роҳбарии Шумо дар Қазоқистон гузаронида мешаванд, баҳои баланд медиҳем. Мехоҳам Шуморо бо баргузории бомуваффақияти чорабиниҳои бузург, ки ба навсозии сиёсии тамоми низоми Қазоқистон мусоидат карданд, табрик намоям. Қазоқистон дилпурона аз роҳи ислоҳоти прогрессивӣ пеш рафта истодааст ва мардум он самтеро, ки Шумо амалӣ карда истодаед, фаъолона дастгирӣ мекунад, – қайд кард Раиси Сенат.

Дар хотима сарвари Қазоқистон ба роҳбари Ӯзбекистон саломи гарму самимӣ ва орзуҳои нек баён кард.

**Н. АБДУРАИМОВА, мухбири ЎзА.**

**9 июл – Рӯзи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

2023 9-IYUL O'ZBEKISTON RESPUBLIKASI PREZIDENTI SAYLOVI

*Дар доираи тарғиботи пешазинтихоботӣ дар шумораи имрӯзаи рӯзнома матолиб бахшида ба дастгирии номзад ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз Ҳизби сотсиал-демократии Ӯзбекистон «Адолат» Робахон Маҳмудова ва номзад ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз Ҳизби экологии Ӯзбекистон Абдушукур Ҳамзаев чоп мегарданд.*

*Маводи мазкур дар доираи тарғиботи номзадҳо ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон бепул нашр мегарданд.*

***(Матолиби мазкурро дар саҳифаҳои 2 ва 3 мехонед).***

## СИФАТ ВА ФАРОГИРӢ ВУСЪАТ МЕЁБАД

***Хидматрасонии суғуртавӣ яке аз воситаҳои ҳифзи иқтисодиёт аз хатарҳои гуногуни молиявӣ мебошад. Аммо то ба наздикӣ нақши хидмати суғурта дар бозори молиявии мамлакатамон ба дараҷаи бояду шояд набуд.***

***Солҳои охир бошад, бобати ислоҳсозии бозори суғуртаи миллии мамлакатамон ва таъмини рушди босуръати он, ҷорӣ намудани намудҳои нави хидмати суғуртавӣ, ки талабот ба он зиёд аст ва баланд бардоштани боварии истеъмолгарон ба бозори суғурта муназзам корҳо ба амал бароварда шуданд.***

Ҳоло дар бозори суғуртаи мамлакати мо 41-то суғуртакунандагон фаъолият мебарад, ки аз онҳо 33 суғуртаи умумӣ ва 8 суғуртаи ҳаёт, инчунин, 7 суғуртаи хидматрасонии брокерӣ, 5 актуарӣ ва 19 ассистанс, адҷастер ва сюрвейерӣ мебошанд. Шумораи онҳо нисбат ба соли 2017 ду баробар афзудааст.

Бе муболиға гуфтан мумкин аст, ки қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи фаъолияти суғурта» дар ин соҳа давраи нав кушод. Чунки қонуни мазкур соҳаи суғуртаро ҳамаҷониба фаро гирифта, ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хидмати суғурта ва субъектҳои дигари фаъолияти суғурта пурзӯр гардонда шудааст.

Аз ҳама муҳимаш он аст, ки ин ҳуҷҷат фаъолияти иштирокчиёни касбии бозори суғуртаро ба тартиб оварда, ҷолибияти бозори суғуртаро барои сармоягузорон таъмин карда, заминаи ҳуқуқии танзими низоми суғуртаи электронӣ ва фаъолияти суғуртаро ташаккул дод. Дар натиҷа, қоидаҳои амали бевосита ва механизми ягонаи идоракунии муносибатҳо дар соҳаи фаъолияти суғурта ҷорӣ карда шуданд.

Инчунин, усулҳои назорати пруденсиалии соҳаи суғурта, ҷорӣ кардани механизмҳои замонавии идоракунии корпоративӣ, намудҳои электронии хидматҳои суғурта, аз ҷумла, асосҳои ҳуқуқии суғуртаи онлайн ва механизмҳои он такмил дода шуд. Дар қонун талабот оиди дар шакли ҷамъияти саҳҳомӣ ташкил намудани ташкилотҳои суғуртавӣ дар назар дошта шудааст.

Дар натиҷаи такмилёбии асосҳои ҳуқуқии мувофиқгардонии фаъолияти суғурта низоми суғуртаи ҷавобгарии шаҳрвандии соҳиби воситаҳои нақлиёт, ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ гардонда шуд. Тибқи он низоми содагардондашудаи «Европротокол» ҷорӣ гардид, ки ҳодисаҳои нақлиёти роҳ бидуни иштироки мақомоти ваколатдор (бехатарии ҳаракати роҳ, мақомоти роҳ) дида баромада мешавад. Ҳангоми суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии шаҳрвандии интиқолдиҳанда ба соҳибкори инфиродӣ мақоми интиқолдиҳанда дода шуда, аз тарафи онҳо барои мусофирони интиқолдиҳанда суғуртаи бехатарӣ муайян карда шуд.

Дар баробари ҳамин, бо ҳуҷҷатҳои қонун барои содиркунандагон ҳангоми истифодаи хидматҳои суғуртавӣ тартиби ҷуброни хароҷоти пардохти мукофоти суғуртавӣ ба роҳ монда шуд, ки ба сифати гарав истифода мебаранд.

Дар ин маврид, ки содиркунандагон ба сифати гарав аз хидматрасонии суғуртавӣ истифода мебаранд. 100 фоизи мукофоти суғуртавие, ки барои суғуртакунандагон пардохта шудааст, вале на бештар аз 1,0 фоиз (0,5 фоиз) аз маблағи суғурта аз ҷониби Агентии рағбатноксозии содирот ҷуброн карда мешавад.

Ба ҷойи хулоса бояд гуфт, ки суғурта дар иқтисодиёт нақши муҳим мебозад. Солҳои охир дар ин соҳа ба дигаргуниҳои куллӣ рӯ оварда, тағйиротҳои ҷиддӣ рух дод. Натиҷаи ҳамин саъю кӯшиш аст, ки сифат ва фарогирии хидматрасонии суғуртавӣ васеъ гардида, боварии аҳолӣ ба хидмати суғурта меафзояд.

**Ҷавлонбек ЭРГАШЕВ, депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

## ҒАЛАБАИ МЕҲНАТИИ ҒАЛЛАКОРОНИ НОҲИЯИ РОМЕТАН

***Ғаллакорони ҳимматбаланди ноҳияи Ромета̄н 17 июни соли ҷорӣ дар вилояти Бухоро аввалин шуда нақшаи солонаи ба давлат супоридани ғалларо сарбаландона иҷро карданд.***

Дар ноҳия барои ҳосили соли 2023 251 хоҷагиҳои фермерӣ дар 5980 гектар майдон гандум корида, онро мувофиқи қоидаҳои агротехникӣ парвариш намуда, ҳосили фаровон рӯёнданд. Ташкил намудани отрядҳои ҳосилғундорӣ, омодасозии техникаҳои зарурӣ имконият дод, ки ҳосил дар муддати кӯтоҳ ғундошта шавад. Ҳамин тариқ, ғаллапарварон ба давлат қариб 13 ҳазор тонна гандум супорида, нақшаи солонаро 100,1 фоиз иҷро карданд. Ғайр аз ин дар ноҳия аз ҷониби Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «BCT Cluster-Agrokompleks» низ дар 1850 гектар майдон ғалла рӯёнда, ба давлат 5057 тонна гандум супорида шуд, ки ин ҳолат низ боиси комёбии ғаллакорони ноҳия гардид.

Чи хеле ки таъкид ёфт, тайёрии ҳаматарафа, то оғози мавсими дарав созмон ёфтани 24 отряд, ба онҳо вобаста гардидани 24 комбайн, 150 автомобилҳои боркаш, инчунин 3 устохонаи сайёр ва 6 агрегатҳои таъминоти сӯзишворӣ мушкили деҳқононро осон кард.

Ба ин комёбӣ хоҷагиҳои фермерии «Зафаробод-2000», «Козимбобо», «Олим Ҳидой замини», «Сафаробод», «Акрам», «Кӯҳна Бухоро», «Тӯра Ҷӯра Умар», «Асад Полвон», «Янгиобод-2» бо 75-85 сентнерии ҳосилнокӣ, «Шариф», «Сидиқбобо», «Ҳаким Ботир Бафо», «Алишер Ҷӯра Меҳриддин», «Тилав Назар», «Солиҳбобо», «Насимбек», «Ҷӯра Ҷалол Ҷаҳонгир», «Неккамон», «Навобод», «Рӯзӣ Ҷӯра», «Насриддин Фарангиз», «Сарвар», «Зойирҷон Зоҳидҷон Омад», «Азим Зиё», «Сафаробод-98», «Алиёр», «Ҳоҷибобо» бо 60-75 сентнерии ҳосил ба хирмани ноҳия саҳм гузоштанд.

Ин комёбӣ самараи ислоҳоти соҳа, ба роҳ монда шудани фаъолияти кластерӣ, афзудани сатҳи манфиатбинии хоҷагиҳои фермерӣ, ба амал татбиқ гардидани усулҳои нав ба нави замонавии зироатпарварӣ мебошад.

Дар вилоят ғаллапарварони ноҳияҳои Вобканд, Олот, Қаравулбозор низ ба марраи мурод расиданд.

**Амрулло АВЕЗОВ, хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти БУХОРО.*

***Дар бораи ҳусни оғози ин ҷашнвора муштариёнамон хабар доранд. 16-18 июн атрофи ёдгории таърихиву меъмории «Арк» намуди хосу идонаеро касб менамуд. Ҳарчанд ҳавои гарми тобистон шиддат мегирифт, рӯзона ба ин ҷо пиру барно мешитофтанд ва кӯчаву хиёбонҳо аз мавҷи онҳо лабрез мегардид. Растаҳои зиравор ва атласу адрас, маводу маҳсулоти гуногуни ҳунармандони соири вилоятҳои ҷумҳурӣ онҳоро ба канор мекашид.***




## БУХОРО ҶАШНВОРАИ АБРЕШИМ ВА ЗИРАВОРИРО БАРГУЗОР КАРД



Дарвоқеъ, ин ҷашнвораи байналмилалӣ теъдоди зиёди сайёҳонро аз вилоятҳои кишвар ва гӯшаву канори ҷаҳон низ ба худ ҷалб карда буд. Бемуҳобот, он ҳамзамон ба намоишгоҳи бузурги ҳунармандии миллӣ, фарҳангиву тиҷоратӣ табдил ёфт, ки метавон гуфт, ҷиҳати тарғиби арзишҳои милливу фарҳангии мардуми мо, рушди ҳунармандӣ ва сайёҳӣ хеле нақши муассир мебозид.

Ширкати рассомону ҳунармандон, кулолгарон, абрешимчиён, зардӯзону бофандагон, маҳсули дастони мӯъҷизаофари худро ба меҳмонони ҷашнвора пешкаш намуда буданд. Маълум шуд, ки дар ҷашнвора беш аз 400 ҳунарманд аз вилоятҳои гуногуни ҷумҳурӣ ширкат мекунанд. Ҳузури намояндагони корпусҳои дипломатии кишварҳои гуногун ба он шукӯҳи бештар мебахшид.

Ёдовар мешавем, ки рӯзи аввали он аз минтақаи «Арк» ба сӯи «Корвони мӯъҷизаҳо» ва маҷмааи «Лаби ҳавз»-и зери навои карнаю сурнай ва дафу доира роҳпаймоии оммавӣ баргузор гардид. Баъд тантанаҳои шодиёнаи ҷашнвора бо ҳунарнамоии дастаҳои гуногуни фолклориву этнографӣ идома пайдо кард.

– Дар ҷашнвора аз шаҳру вилоятҳои Тошканд, Андиҷон, Қашқадарё, Навоӣ, Намангон, Самарқанд, Сурхондарё, Хоразм, Фарғона ва кишварҳои Афғонистону Туркманистон ҳунармандон ташриф оварда буданд. Ғайр аз ин, дар чаҳорчӯби ҷашнвора баргузории дарсҳои маҳорату малака, ташкили ярмаркаи маҳсулоти гуногун низ барномарезӣ шудаанд, – гуфт ба мухбири «Овози тоҷик» сардори садорати фарҳанг ва туризми вилояти Бухоро Сӯҳроб Бобокалонов.

Ба гуфтаи ӯ рӯзҳои ҷашнвора дар шаҳри Бухоро ҳудуди 10 ҳазор сайёҳони дохиливу хориҷӣ ҳузур доранд. Агар ин ҷашнвора моҳи май баргузор мегардид, сайёҳони зиёд имкон пайдо намекарданд, ки ба таври озод аз ёдгориҳои меъмориву таърихӣ ва фарҳангии шаҳр боздид кунанд.

– Барои ҳамин мо моҳи июнро барои баргузории ҷашнвора муносиб донистем. Зеро теъдоди сайёҳон низ дар шаҳр камтар буда, корҳои барномарезии ҷашнвора бидуни мушкилот баргузор мегарданд, – тавзеҳ дод С. Бобокалонов.

Боздид аз санъати обрӯ (нақши рӯйи об) барои журналистони зиёд хеле мароқангез буд. Гуфта шуд, ки ин навъи санъат дар шаҳри Бухоро пайдо шудааст ва тавассути Роҳи бузурги абрешим аз Эрон ба Туркия роҳ ёфтааст. Ин санъатест, ки рангҳои гуногунро дар об бо мӯйқалам «мепошанд» ва баъд тарҳи гул, нақши инсон, чизҳои абстракт хостаи худро дар рӯи об мекашанд. Баъд коғази сафедро болои он об мегузоранд ва нақши қаблан кашидашуда ба коғаз мегузарад.

Дар маркази зардӯзии «Маликаи Султон»-и Бухоро моро роҳбари он Маҳфуза Султонова истиқбол намуд.

– Медонед, ки Президент барои рушди ҳунармандӣ шароити мусоид фароҳам меоварад. Дар Бухоро низ ташкил карданни ин марказ ба осонӣ даст дод. Ҳоло дар маркази мо бештар аз сад нафар занону духтарон ба ҳунари зардӯзӣ машғуланд. Ҳамаи он либосҳо, рӯйҷоҳо ва намудҳои дигари маҳсулоти мо маҳз бо дастони ҳамин занону духтарон дӯхта шудаанд, – гуфт М. Султонова.

Вай таъкид варзид, ки бо тақозои сарвари давлатамон соли 2019 барои корхонаи «Маликаи Султон» 8 сотих замин ҷудо карда шуд. Ҳоло ин корхона дар Осиёи Марказӣ низ корхонаи ягонаи бузурги зардӯзӣ муаррифӣ шудааст.

Баъд гурӯҳи занону духтарони корхонаи мазкур барои меҳмонони худ маросими «Саллабандон»-ро намоиш доданд, ки зимни тӯйи арӯсӣ баргузор мегардад ва арӯсро ба ин васила зебу оро медиҳанд.

Гуфта шуд, ки «Мухаммасхонӣ» дар Бухоро аз қадим роиҷ мебошад ва ҳоло низ онро мардуми Бухоро бо кайфияти том давом медиҳанд.

Дар чаҳорчӯби ҷашнвораи XX ташрифи журналистон ба корхонаи оҳангарии Салим Икромов низ хеле хотирмон буд. Вай аз зумраи ҳамон оҳангарони бухорӣ будааст, ки дар ин ҳунар беназир ва маҳсулоти оҳангариаш харидорони зиёд дорад.

**(Давомаш дар саҳ.2).** ⇨

# МАНФИАТҲОИ ИНСОН – АРЗИШИ ВОЛО

***Дар барномаи пешазинтихоботии номзад ба Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» — Робахон Маҳмудова ба мақсаду вазифаҳое аз қабили ҳуқуқу озодиҳои инсон ва манфиатҳои ў арзиши волоянд, фароҳам овардани шароити мусоид ба инсон дар ҳамаи ҷабҳаҳои зиндагӣ, таъмини адолати иҷтимоӣ ва таҳкими мизонҳои қонун ва адолати иҷтимоӣ, табдил додани Ўзбекистон ба кишваре, ки дар он тамоюлҳои адолат, озодӣ, ваҳдат, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бартарӣ дорад, роҳ надодан ба табақабандии шадиди аҳолӣ, ноил гардидан ба он, ки Ўзбекистон бояд ба сафи давлатҳои пешрафтае ворид шавад, ки сатҳи зиндагии аҳолиашон баланд аст, рўйи эътибор гардонда шудааст.***
***Ҳамчунин, дар барнома пешбинӣ шудааст, ки ғояи «халқ на ба мақомоти давлатӣ, балки мақомоти давлатӣ бояд ба халқ хидмат кунанд» ба самти устувори сиёсати давлатӣ табдил ёбад. Боз ҳам афзун гардондани нақш ва аҳамияти тимсоли рўшани ҳокимияти халқӣ — институти демократияи намояндагӣ, таъмини рушди устувори иқтисодиёти мамлакат, татбиқи иқтидори инноватсионию интелектуалии ҷамъият ва рушди капитали инсон, таъмини сулҳу осоиш — гарави серию пурии ҳар як инсон, таҳким бахшидани ҳамзистии шаҳрвандон, фароҳдилии байни динҳо ва миллатҳо, татбиқи сиёсати берунии конструктивӣ ва ба ҷонибҳо судбахш ҷавҳари онро ташкил медиҳад. Дар поён бо баъзе самтҳои барномаи номзад ошно мешавем.***




### ТАНДУРУСТИИ АҲОЛӢ — САРВАТИ БЕБАҲО

Ҳизб **аз ҳисоби давлат такмил додани хидматрасонии тиббӣ, рўйихати воситаҳои давоӣ, рушди дорухонаҳои иҷтимоӣ ва вусъат додани муолиҷаи беморони вазнинро** дастгирӣ мекунад. Ҳамчунин пўшида нест, ки созиши пинҳонии ходимони фарматсевтика ва тиб, водор сохтани беморон ба хариди доруҳо авҷ кардааст. Ин ҳолат аксариятро ба ташвиш меоварад.

Афсўс, ки Ўзбекистон бобати истеъмоли антибиотикҳо яке аз кишварҳои пешқадам аст. Дар баъзе чорабиниҳои муассисаҳои тиббӣ созмонҳои фарматсевтӣ рўйрост ҳомигӣ мекунанд. Вақти пешгирии ин ҳодиса расидааст. Тандурустӣ ва генофонди миллат низ ба ин масъала иртибот дорад. Ин ҳолатҳо дар соҳаи тиб ба ҷуз коррупсия боз чист? Бояд ба мулоқоти ғайриқонунии байни аҳли тиббу фарматсевтҳо пурра барҳам дода шавад, барои **чунин мулоқот ва тухфаҳои нуҳуфта дар онҳо ҷазо додан лозим**. Ба баъзе доруҳои нав бояд танҳо вазорат шарҳ нависад. Умуман, номзади ҳизб ҷонибдори он аст, ки бино ба хариди давлатӣ дар соҳаи тиб тартиби алоҳида муайян карда шавад.

Агар ин тартиб ҷорӣ гардад, тавассути такмил додани **пойгоҳи ягонаи электронии доруҳо ба табодули ғайриқонунии воситаҳои давоӣ, созиши пинҳонии ходимону тиббу фарматсевтика, ҳамчунин беасос боло рафтани нархи доруҳо** барҳам дода мешавад.

Дар барнома дар ҳоли мутобиқ гардондани сохтори нигаҳдории тандурустӣ ба тамоюли давлатӣ, ба масъалаҳои такмил додани лоиҳаи **«Кодекси ҳифзи тандурустии Ҷумҳурии Ўзбекистон»**, риоя кардани ҳуқуқи инсон дар соҳаи тандурустӣ, таъмини баҳрабардории ҳамаи қишрҳои аҳолӣ аз кумаки тиббӣ рўйи эътибор гардонда шудааст. Зеро истифодаи аҳолӣ **аз хидмати тиббии кафолатнок дар Қонуни Асосии** ба тозагӣ тахрирхўрда низ инъикос ёфтааст. Ин бобати ҳифзи боварибахши тандурустии аҳолӣ, пешгирии фавти модарону кўдакон ва бемориҳои гузаранда аҳамияти калон дорад.

Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат»-и Ўзбекистон ҷонибдори он аст, ки бояд бобати **аз ташкилоти тиҷоратӣ ба созмони ғайритиҷоратӣ табдил додани** созмонҳои тиббии ғайридавлатӣ чораҳо андешида шаванд. Дар ин ҳолат рўйи эътибори муассисаҳои хусусии тиббӣ дар муҳити рақобатпазирӣ бояд ба хидмати босифати кафолатнок ба аҳолӣ нигаронида шавад. Зеро тибби ба ҳифзи сарвати бебаҳо — тандурустии инсон нигаронидашуда набояд ба манбаи даромад табдил ёбад.

### РУШДИ ТАЪЛИМ — КАФОЛАТИ ТАРАҚҚИЁТ

Дар моддаи 52-юми Конститутсия меъёри **ба ҳифзи шаън ва қадру қимати омўзгорони давлатӣ** ғамхорӣ зоҳир намудан дар пешравии касбӣ ба онҳо аз ҷиҳати моддию иҷтимоӣ кумак расондан инъикос ёфтааст.

Бо назардошти ин, дар **барномаи номзад** оварда шудааст, ки обрўву эътибори омўзгор қабл аз ҳама обрўю эътибори тамоми халқ аст. Ҳизб ҷонибдори он аст, ки тавассути афзудан ба нуфузи омўзгорон ва муайян намудани мақоми волои онҳо бояд чораҳои ҳуқуқие андешида шаванд, ки ба таҳкими нақши дар ҳаёти ҷамъиятӣ доштаашон мусоидат намояд. Биноан, дар барнома таъкид гардидааст, ки бояд **қонун оиди мақоми омўзгор дар ҷамъият зудтар ба тасвиб расад.**

Дар ҳамаи зинаҳои сохтори таълим татбиқи пайгиронаи технологияҳои замонавии илму фан нақши муҳим дорад. Аз ин рў, ҳизб пешниҳод менамояд, ки шурўъ аз **соли хониши 2024-2025** барои **дохил шудан ба самти бакалавриати муассисаи таълими олӣ** бино ба донистани **забони англисӣ** тартиби доштани сертификати миллӣ ё байналхалқӣ ҷорӣ карда шавад. Ин дар навбати худ имконият фароҳам меоварад, ки донишҷўёнамон дар арсаи ҷаҳон ба мутахассисони рақобатпазир табдил ёбанд.

Ҳамчунин, дар барнома таъкид гардидааст, ки тавассути рушди илму фан ва инноватсияҳо бояд робитаи узвии сохторҳои **илм — таълим — истеҳсолот роҳандозӣ гардад. Воқеан, дар бунёди давлати ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти адолатнок таълим ва илму фан аҳамияти калон доранд**. Биноан, дастгирӣ ва рағбатноксозии натанҳо олимон, балки ихтирою ихтироъкорон ва фароҳам овардани шароити зарурӣ ба онҳо дар мадди назари барнома аст.

Барилова, дар барнома ҳифзи объектҳои мулки интеллектуалӣ, пурзўр намудани назорати давлатию ҷамъиятӣ дар ҳолатҳои халалдор гардидани ҳуқуқи муаллифӣ, зиёд кардан ва такмили малакаи мутахассисон: муҳандис, технолог ва агроном-механизаторон, ки драйвери ҳақиқии иқтисодиётанд, аз вазифаҳои устувор қаламдод шудааст.

Албатта, дар соҳаҳои тиб ва ҳифзи тандурустӣ, хоҷагии деҳот, бехатарии озуқа ва биотехнологияҳо, гидрология ва мушкилоти об, энергетика ва технологияҳои сарфакор, зоология ва ҳифзи муҳити атроф пайгирона татбиқ намудани дастовардҳои илмӣ ба рушди иқтисодиёт такони ҷиддӣ мебахшад.

Рушди устувори иқтисодиёти миллӣ кафолатгари рўзгори фаровони мост. Дар баробари ин, бояд гуфт, ки имрўз дар сектори реалии иқтисодиёт дараҷаи тиҷоратикунонии коркардҳои инноватсионӣ, нисбат ба робитаҳои байни илму фан, таълим ва саноат паст аст.

Аз ин рў, дар барнома **ба рушди босуръати инноватсионӣ, татбиқи инноватсия ва технологияҳо дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, бо роҳи рушди илму фан ва инноватсия рафтани капитали инсон** эътибори ҷиддӣ дода шудааст.

Пайдост, ки дар ҷумҳуриамон ҳоло бино ба истифодаи **манбаъҳои азнавбарқароршавандаи энергия** корҳои васеъмиқёс ба амал татбиқ гардида, дар соҳа лоиҳаҳои пурсамар роҳандозӣ мегарданд. Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат», дар баробари дастгирии ғояи манбаъҳои энергияи муқобил ва технологияҳои сарфакор чунин меҳисобад, ки ин ҷараён бояд рағбатнок карда шавад ва дар зарурат манбаи **энергияи муқобил ба қишри камтаъмини аҳолӣ аз ҳисоби давлат ба таври имтиёзнок дода шавад.**

Зеро ҳизб ҷонибдори рушди беш аз пеши саноати мамлакат мебошад. Саноат бошад, бе неруи барқ рушд намекунад. Барои ин пешниҳод менамояд, ки доир ба истифодаи на танҳо энергетикаи атомӣ, балки корбурди бештари манбаъҳои муқобили барқӣ чораҳо андешида шаванд.

Табиист, ки дар асоси илм ба роҳ мондани истеҳсоли хоҷагии деҳоти ҷумҳурӣ, таъмини ҳамоҳангии байни илму амалиёт дар оянда бобати ба руйи об баровардани имкониятҳои бузурги соҳаи аграрии Ўзбекистон, рушди инноватсионии иқтисодиёти деҳот ва ҳаллу фасли мушкили камбизоатӣ натиҷаи мусбат мебахшад.

Вале имрўз хатарҳое ба мисли **куллан тағйирёбии обу ҳаво дар хоҷагии деҳот, танқисии об, шўршавии замин** бориси нигаронӣ мешавад. Ин ҳолат барои шахсони ҷисмонӣ ва соҳибкороне, ки дар хоҷагии деҳот фаъолият доранд, мушкилӣ эҷод мекунад.

Номзад ҷонибдори он аст, ки хоҷагии деҳот бояд **аз ҷониби давлат мавриди дастгирӣ қарор гирад, механизмҳои нави суғуртакунӣ** ба амал татбиқ гарданд. Дар ин маврид номзад пешниҳод менамояд, ки бояд дар хоҷагии деҳот асосҳои ҳуқуқии сохтори суғуртакунӣ такмил дода шавад, аз ҷумла, қонун **«Дар бораи суғуртакунии таваккалкории хоҷагии деҳот»** ба тасвиб расад.

Албатта, **дар моддаи 67-уми Конститутсия дар таҳрири нав беҳуда таъкид нагардидааст, ки бояд фаъолияти монополӣ тибқи қонун ба тартиб дароварда ва ҷилавгирӣ карда шавад**. Зеро иқтисодиёт танҳо дар муҳити рақобати озод рушд мекунад.

Номзад дар **объектҳои иҷтимоӣ ва объектҳои муҳими стратегӣ ҷонибдори ҳифзи мулки давлатист**, вале аз нигоҳи ў сектори хусусӣ низ, ки ба шаҳрвандон имкони интихоб карданро медиҳад, бояд рушд кунад.

Дар баробари ин, ҳизб ташаббусҳои аҳамияти иҷтимоӣ доштаи шаҳрвандонро дастгирӣ мекунад, ҷонибдори он аст, ки барои фаъолияти созмонҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ ва такядорон шароити мусоид фароҳам оварда шавад.

### ҶАМЪИЯТИ ШАҲРВАНДӢ — АСОСИ РУШДИ ДЕМОКРАТӢ

Иштироки фаъолонаи созмонҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ дар ҳаллу фасли мушкилоти ҳифзи тандурустӣ, таълим, ҳифзи муҳити атроф дар мадди назари доимии ҳизб қарор гирифтааст. Зеро рушди шахс маънои ҳамеша аз давлати муқтадир ба сўйи ҷамъияти шаҳрвандии муқтадир пеш рафтанро дорад. Пас, фаъолияти шаҳрвандони кишварамон дар созмонҳои гуногуни ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ дар айни ҳол ба афзун гардидани донишҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ, маънавӣ ва ҳисси ватанпарвариашон мусоидат менамояд.

Ҳизб барои рушди ҷамъияти шаҳрвандӣ, афзун гардидани сарвати моддӣ ва маънавии аҳолӣ рушди сохтори мақомоти худидорӣ, аз ҷумла, маҳаллаҳоро дастгирӣ менамояд.

Ҳамчунин, дар барнома махсус қайд гардидааст, ки фароҳам овардани шароити мусоид ба мустақилӣ ва озодии ВАО, фаъолияти озоди журналистон яке аз вазифаҳои муҳими ҳизб ба шумор меравад.

Албатта, **бе матбуоти озод рушди ҷамъият тасаввурнопазир аст**. Расонаҳои ахбори оммавӣ бояд дар ҳама замонҳо **пули байни халқ ва ҳокимият** бошанд.

Дар барнома омадааст, ки баҳри таъмини рўшодию ошкорбаёнӣ дар роҳи пиёда гардондани ислоҳоти иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодӣ бояд ВАО фаъолтар бошанд. Ҷорӣ кардани назорати ҷамъиятӣ аз болои фаъолияти мақомоти ҳокимият ва идораҳои давлатӣ, бобати таъмини пайгиронаи робитаи ҳокимияту аҳли ҷомеа, пурзўр кардани нақши он, нав кардани пойгоҳи моддию техникӣ, модернизатсияи технологӣ, зиёд кардани нуфузи касби журналист ва рағбатноксозии моддию маънавии меҳнати ходимони соҳа масъалаҳоеанд, ки ҳизб ба онҳо рўйи эътибор гардондааст.

Дар барномаи номзад масъалаҳои дорои аҳамият ва мақсадҳои неку наҷиб зиёданд. Онҳо ба бунёди давлати ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти адолатнок: таъмини самарабахши ислоҳоти иҷтимоӣ, беҳбуди зиндагии халқ, рушди барқарори мамлакат ва таҳкими адолати иҷтимоӣ нигаронида шудаанд.

Ўзбекистон хонаи умумии мост. Пас, ҳар як шаҳрванди он ҳақ дорад, ки озод, дар фазои сулҳу осоиш умр ба сар барад.

**Даъват ба миён меоварем, ки ҳамаи шаҳрвандони Ватани азизамон дар интихоботи Президент фаъолона ширкат ҷўянд.**

**Баҳром АБДУҲАЛИМОВ,**
**раиси Шўрои сиёсии ҲСД «Адолат».**

## БА НОМЗАД БА МАҚОМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН АЗ ҲИЗБИ СОТСИАЛ-ДЕМОКРАТИИ «АДОЛАТ» РОБАХОН МАҲМУДОВА ОВОЗ ДИҲЕД!

## ХАБАРҲО

### КИШОВАРЗӢ ТАРАҚҚӢ МЕКУНАД

***Аз ҷониби Вазорати кишоварзӣ дар Агентии ахбор ва коммуникатсияи оммавӣ анҷумани матбуотӣ баргузор гардид. Оиди корҳое, ки дар соҳаи кишоварзӣ ба амал бароварда шудаанд, айни замон бобати вазифаҳое, ки пеш истодаанд, сухан ба миён омад.***

Таъкид ёфт вазорат то соли 2026 ҳамасола ҷалб намудани сармояи хориҷӣ дар атрофи 1 миллиард доллари ИМА-ро ба нақша гирифтааст. Айни ҳол ба андозае маҳсулот бароварда мешавад, ки ҳаҷми он тақрибан 35 миллиард долларро ташкил хоҳад намуд. Кишоварзонамон ният доранд маҳсулнокиро бардоранд ва аз ҳар гектар майдони кишт 5 ҳазор доллар даромад ба даст оваранд, гуфта шуд дар чорабинӣ. Баҳри равнақи соҳа ва муташаккилона роҳандозӣ сохтани корҳо дар асоси мақсадҳои муайян харитаи роҳ мураттаб шудааст. Барои дар солҳои 2023-2024 ба амал баровардани нақшаҳо дар асоси 42 вазифаи устувор ҳаракатҳо сар шудаанд. Барои иҷрои саривақтии онҳо 22 ҳуҷҷати меъёрӣ корбаст гашт. Рақамӣ гардонидани соҳа, таъмини бехавфии маҳсулоти озуқаворӣ, дар соҳа пурра истифода кардани технологияи иттилоотӣ, ба роҳ гузоштани муносибатҳои муътадили молиявӣ дар кишоварзӣ аз вазифаҳои муҳими пешистода қарор доранд, таъкид сохтанд баромадкунандагон.

### КОРҶЎЁН КОР ПАЙДО МЕКУНАНД

***«20 ҳазор соҳибкор ва 500 ҳазор мутахассиси малаканок». Чунин барнома ҳоло сари забонҳост.***

Дар шаҳри Тошканд баҳри ба амал баровардани мақсадҳои наҷиб вобаста ба кор бо соҳибкорон, омодасозии мутахассисони соҳибмалака ва ҳалли масъалаи шуғл дар асоси барномае, ки зикр гашт, вазифаҳои муҳим ба иҷро мерасанд. Вазифаи долузарб баҳри татбиқи барномае, ки зикр гашт, муташаккилона гузаронидани ярмаркаҳои меҳнатист. Яке аз чунин чорабиниҳо дар ноҳияи Олмазори пойтахт рўйи кор омад. Дар ярмаркаи ҷойҳои холии корӣ бештар аз 50 корхонаву ташкилот ва субъектҳои соҳибкорӣ бо ҷойҳои холии кориашон ширкат ҷустанд. Корҷўён ба шарт ва шароити корӣ, маошҳое, ки муқаррар карда шудаанд, аз наздик шинос шуданд.

Дар ярмарка наздик 300 нафар шаҳрвандон иштирок карданд, ки намояндагони як қатор ноҳияҳои пойтахт мебошанд. Ба наздик 100 нафарашон барои шуғл дар корхонаву ташкилотҳо роҳхатҳо супурда шуд.

### МАВСИМИ ЧАҲОРУМИ МАРАФОН

***Ҷавонон –ояндаи ҷамъияти мо. Бо мақсади офаридани қулайиҳои бештар ба онҳо таҳти ташаббуси Агентии кор бо ҷавонон ва «Ҷамъияти ҷавонон –ояндаамон» ба чаҳорумин мавсими Марафони тиҷоратӣ старт дода шуд.***

Се мавсиме, ки пештар баргузор шуд, тақрибан 1 миллион нафар ҷавононро ба худ ҷалб намуда буд.

Ба муносибати оғози мавсими нави марафон дар Донишгоҳи давлатии кишоварзии Тошканд чорабинӣ баргузор гашт. Гуфта шуд ба ҷавононе, ки соҳибкор шуда ва ояндаашонро бо дастони худ барпо кардаанд, ин гуна марафонҳо айни муддао мебошанд. Дар доираи чорабиниҳо соҳибкорон ва ҷавонон вомехўранд, таҷрибомўзиҳо рўйи кор меоянд, мактаби устод-шогирд самараи худ мебахшад.

**М. ШОДИЕВ, мухбири «Овози тоҷик».**

## МУЛОҚОТИ ЗАНОНИ ПЕШҚАДАМИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР ШАҲРИ ОСТОНА

***Дар шаҳри Остона мулоқоти занҳои пешқадами Осиёи Марказӣ зери мавзўи «Нақши занон дар рушди инноватсия ва технология» бо кумаки СММ ва Комиссияи миллии оид ба корҳои занон, оила ва сиёсати демографии назди Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор гардид.***

Дар майдони мазкури минтақавӣ, ки ба маҳалли маслиҳату табодули афкор ва ҳамкории амалии занони пешқадами Ўзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Туркманистон нигаронида шудааст, соли 2023 ҷониби Қазоқистон раисӣ менамояд.

Дар он Раиси Сенати Ўзбекистон, Раиси парлумони Қазоқистон, депутатҳо аз Қирғизистон, Тоҷикистон ва Туркманистон, роҳбарони мақомоти давлатӣ, инчунин намояндагон аз ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва байналхалқӣ, корпусҳои дипломатӣ иштирок намуданд.

Рақамигардонӣ барои ба муносибати иҷтимоиву иқтисодӣ васеъ ҷалб намудани занон чун воситаи босамар ҳангоми раисӣ намудани Қазоқистон ба мулоқоти занони Осиёи Марказӣ чун самти устувор арзёбӣ мегардад.

– Ба туфайли ба вуҷуд омадани «Мулоқоти занони мамлакатҳои Осиёи Марказӣ» соли 2020 корҳои доманфарох дар бобати таъмини ҳуқуқи занон, озодӣ ва манфиатҳои қонунии онҳо, пурзўр намудани нақши онҳо дар ҳаёти ҷамъият ва давлат муттасил ба амал татбиқ мегардад, – гуфт дар суханронии худ Раиси Сенати Ўзбекистон Танзила Норбоева. – Майдони мулоқот дар Осиёи Марказӣ ҷойгоҳи назарраси худро соҳиб гардида, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳон муносиб дастгирӣ гардид. Дар даврае, ки ин майдони нодир фаъолият менамояд, ҳуҷҷатҳои муҳим қабул гардиданд ва чорабиниҳои калон баргузор шуданд. Ин дар навбати худ дар миқёси минтақа бобати ба амал ҷорӣ намудани чорабиниҳои самаранок нақши муҳим дошт. Мо инро чун таваҷҷуҳи зиёди давлатҳои минтақа мешуморем, ки барои боз ҳам ривоҷ додани Мулоқот ва афзоиши самараву эътирофи он дар арсаи байналхалқӣ гардид.

Дар давоми анҷуман аз ҷониби иштирокдорон кўшиши мустаҳкам намудани фаъолияти занони мамлакатҳои минтақа, соҳибкорзанон, доираҳои академӣ ва илмӣ, секторҳои ғайридавлатӣ ва шаҳрвандӣ, рушди демографӣ, масъалаҳои муҳими баробарии ҷинсӣ барои ҳамкориро пурзўр намудан таҳрики алоҳида бахшид. Дар бобати ба амал ҷорӣ намудани лоиҳаҳои соҳаҳои сайёҳӣ, рушди маданият, ҳамкорӣ дар бобати экология, рушди савдо, аз ҷумла технологияи рақамӣ фикру мулоҳизаҳо баён гардиданд.

Дар сессияи алоҳида зери мавзўи «Таҷрибаҳои пешқадам дар соҳаи иштироки занон дар рушди инноватсия ва технология» тақдимоти нақши занон дар рушди технологияи нав ва нишондиҳандаи муваффақияти инноватсия, стартапҳои занони минтақаи Осиёи Марказӣ баргузор гардид.

Дар давоми сессия иштирокдорон ҳал намудани масъалаҳои стартапҳои занон, зеҳни сунъӣ, рушди рақамисозӣ дар маҳалли деҳот, инчунин таъмини оила ва ҷамъият, соҳибкории занон, таълими касбу ҳунар ва бошуғлфарогириро чун барнома таҳия намуданд.

Реҷаи Ҳаракати мулоқоти занони пешқадами Осиёи Марказӣ барои соли 2023 қабул гардид.

**Норгул АБДУРАИМОВА, хабарнигори ЎзА.**

***Дар қасри маданияти байналхалқии Икуо Хироямаи Академияи бадеӣ фотонамоишгоҳи «Меъмории Ўзбекистон ва Ҷопон: инъикоси анъанаҳо бо услуби замонавӣ« барпо гардид.***

## МЕЪМОРИИ ЎЗБЕКИСТОН ВА ҶОПОН

Дар намоишгоҳ таъкид гардид, ки байни Ўзбекистон ва Ҷопон дар қатори дигар соҳаҳо дар соҳаи фарҳанг низ як қатор пешравиҳо ба амал меоянд. Чорабинии имрўза ба шиносоӣ ва таҷрибаомўзии санъати меъмории куҳан ва замонавии ду кишвар нигаронда шудааст. Дар намоишгоҳ меъмории даврaҳои гуногун, услуби замонавии онҳо дар бино ва иншоотҳои нав акс ёфтаанд. Инчунин дар аксҳо табиат ва иқлим, фалсафаи ҳаёт, урфу одат ва арзишҳои миллӣ ва тарзи зиндагии мардуми ду халқ ифодаи худро ёфтааст.

Дар экспозитсия фотосуратҳои «Шоҳи зинда», «Осорхонаи давлатии таърихи Ўзбекистон», яке аз гумбазҳои бозори «Чорсу», «Хона-музейи Файзулло Хоҷаев», «Қасри Худоёрхон», «Ичан қалъа», қасри «Дўстии халқҳо», «Биноҳои осмонбўси Токио», «Меъмории закмонавии Токио» ва ғайра ҷой ёфтаанд.

**Ҳ. АБДУНАЗАРОВ.**

## БУХОРО ҶАШНВОРАИ АБРЕШИМ ВА ЗИРАВОРИРО БАРГУЗОР КАРД

(Аввалаш дар саҳ.1).

– Ман намояндаи ҳафтуми сулолаи оҳангарони Икромовҳо мебошам. Корхонаи мо дар ин шаҳр тайи солҳои зиёд фаъолият мекунад. Бобову падарам маҳз бо ин ҳунар дар Бухоро ва берун аз он маъруфият пайдо кардаанд. Ҳар як корду шамшер ва ханҷаре, ки ин ҷо мебинед, бо салиқаи хоси оҳангарӣ сохта шудаанд. Ҳар кадоми ин маҳсулот аз фулузоти гуногун тайёр карда шудаанд, ки як қисми онро аз Қазоқистон дастрас мекунем. Барои даста низ чўби рангҳои гуногун давонидашуда мавриди истифода қарор мегиранд, – мегўяд С.Икромов.

Шоми сеюм маросими ҷамъбасти ҷашнвора баргузор гардид. Ҳокими вилоят Ботир Зарифов аз ҷамъи меҳмононе, ки барои ширкат дар ин ҷашнвора ба Бухоро омадаанд, ибрози сипос намуд. Вай афзуд, ки баргузории чунин ҷашнвора кайҳост, ки ба ҳукми анъана даромадааст ва минбаъд низ он давом хоҳад кард.

– Шаҳри Бухоро ба номи «Қуббатулислом» ёд мешавад. Он маркази тамаддуни ҷаҳонӣ низ унвон гирифтааст. Солона садҳо ҳазор сайёҳ ба Бухоро ташриф меоваранд ва аз ёдгориҳои таърихиву меъморӣ ва фарҳангии он боздид мекунанд. Сол аз сол теъдоди сайёҳони хориҷӣ ба Бухоро меафзояд ва ин ба ҳамон далел аст, ки даҳҳо меҳмонхонаҳои наву замонавӣ ва дорои тамоми шароити созгор сохтаву дар ихтиёри онҳо қарор дода шудаанд. Ошхонаҳо бо таомҳои хушхўри худ низ таваҷҷуҳи меҳмононро ба худ ҷалб менамоянд. Сифати хидматрасонӣ беш аз пеш рў ба беҳбуд овардааст, – изҳор намуд Б. Зарифов.

Дар поёни маросим бо ширкати овозхонҳои маъруфи вилоят ва дастаи раққосон галаконсерт баргузор гардид, ки табъи меҳмонон ва мардуми зиёдро болида сохт.

**Амрулло АВЕЗОВ, Мирасрор АҲРОРОВ, мухбирони «Овози тоҷик».**
*БУХОРО.*



# БАРОИ РУШДИ «САБЗ» ОВОЗ ДИҲЕД!

## Барномаи пешазинтихоботии номзад ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз Ҳизби экологии Ўзбекистон Абдушукур Ҳамзаев аз нигоҳи ҷомеаи васеъ

***«Баҳри табиат муттаҳид шавем!» – дар ин суханон ғояи асосии пешниҳодҳое, ки номзад ба мақоми президентӣ аз Ҳизби экологии Ўзбекистон Абдушукур Ҳамзаев пешбарӣ намудааст, инъикос ёфтааст. Зеро, имрўз ҷомеаи васеъ, кишвар ва минтақаҳо барои ҳалли мушкилоти экологие, ки тамоми ҷаҳонро нигаронӣ мекунад, муттаҳид мешаванд. Одамон бо ҳамфикрию ҳамҷиҳатӣ барои муҳофизати табиат мубориза мебаранд.***

Таҳдидҳои экологии ба мисли тағйирёбии иқлим, хушксолӣ ва биёбоншавӣ, ки дар тамоми ҷаҳон ба мушоҳида мерасанд, ба минтақаи мо низ бевосита дахл доранд. Мо шоҳид мегардем, ки вазъияти экологӣ торафт мураккаб шуда, бо ин муносибат хавфи муайяне ба миён меояд, ки он ба мушкилоти умумиҷаҳонӣ табдил меёбад.

Аз ин рў, татбиқи сиёсати давлатӣ, ки ба беҳтар кардани вазъи муҳити зист ва ҳалли мушкилоти экологӣ дар кишвар нигаронда шудааст, аз ҳар вақта дида муҳимтар аст. Муҳофизати муҳити зист на танҳо барои ҳаёти имрўзаи Ўзбекистон, балки барои фардо, ояндаи фарзандони мо, инчунин таъмини бехатарии экологӣ вазифаи аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад.

Иштироки Ҳизби экологӣ ва номзади он дар раванди муҳими сиёсие, ки дар кишвар оғоз шуд – интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон барои минбаъд баланд бардоштани нақш ва нуфузи ҳизби мо дар ҳаёти ҷамъият, амалӣ намудани муколамаи самарабахш бинобар масъалаҳои муҳимтарин дари имкониятҳоро боз мекунад.

Дар барномаи пешазинтихоботии номзад ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз ҳизби мо тадбирҳои васеи таъмини рушди минбаъдаи давлат инъикос ёфтаанд.

Аз ҷумла, дар он пешниҳодҳои мушаххас оид ба пешгирӣ ва барҳам додани мушкилоти экологӣ бинобар чунин соҳаҳо, аз қабили таъмини рушди устувори кишвар ва тезондани гузариш ба иқтисодиёти «сабз», таъмини бехатарии экологӣ ва энергетикӣ, ҳифзи муҳити зист, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди зисти экологӣ барои аҳолӣ инъикос ёфтаанд.

Мақсадҳои барномавӣ, ки ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, кам кардани оқибатҳои фоҷиаи Арал, рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаи Арал ва дар он фароҳам овардани муҳити мусоиди зист, амалӣ намудани корҳои низомнок бобати тамоми ҳолатҳое, ки аз вазъи табииву сунъӣ бармеоянд, интихобкунандагонро бефарқ нахоҳад гузошт.

Ба ғайр аз ин, пешниҳодҳое, ки ба рушди минбаъдаи идоракунии давлатӣ ва ҷамъиятӣ, низоми суд, нигаҳдории тандурустӣ, соҳаи таълим, илм ва фарҳангиву маърифатӣ нигаронда шудаанд, бо он аҳамиятноканд, ки онҳо ба роҳи рушди «сабз»-и Ўзбекистон асос ёфтаанд.

O'zbekiston Ekologik partiyasi

Ба ин муносибат фаъолони ҳизб дар бораи барномаи пешазинтихоботии номзад ба мақоми президентӣ аз Ҳизби экологии Ўзбекистон Абдушукур Ҳамзаев фикру мулоҳизаҳояшонро боҳам диданд.

**Борий АЛИХОНОВ, раиси Кумитаи Сенати Олий Маҷлис оид ба масъалаҳои рушди минтақаи назди Арал ва экология, узви Шўрои марказии Ҳизби экологии Ўзбекистон:**



– Абдушукур Ҳамзаевро ҳамчун инсони самимӣ, роҳбар ва олими баркамол солҳои зиёд боз мешиносам. Ўро на танҳо дар ҷумҳурии мо, балки дар тамоми вилоят яке аз мутахассисони варзидаи соҳаи рушди мушкилоти экологӣ мешуморанд. Ба шарофати меҳнатдўстӣ, қатъиятнокӣ ва мақсадҳои ба наздаш гузоштааш ў тавонист бо таҷрибаи ғанӣ ва иқтидори баланд экологҳоро дар атрофи худ муттаҳид созад.

Вазифаҳои аввалиндараҷае, ки дар барномаи пешазинтихоботии номзад муайян шудааст, масъалаҳои муҳими ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатиро фаро гирифтааст. Татбиқи сиёсати давлатӣ, ки ба беҳдошти ҳолати муҳити зист ва ҳаллу фасли мушкилоти экологӣ дар кишвар, ҳифзи муҳити табиӣ бо роҳи ноил гардидан ба мақсадҳои устувори рушди экологӣ, **тезондани раванд ва гузариш ба иқтисодиёти «сабз»**, баланд бардоштани истифодаи самарабахши захираҳои табиӣ, таъмини ҳуқуқи аҳолӣ ба муҳити мусоиди зист ва амнияти экологӣ нигаронда шудааст, аз ҷумлаи онҳост.

Дар қонунгузорӣ талаботе мустаҳкам карда хоҳад шуд, ки мувофиқи он ҳангоми тартиб додани нақшаҳои генералии шаҳрҳо дар онҳо на камтар аз 30 фоизро бояд майдонҳои «сабз» ташкил диҳанд ва ҳангоми сохтани манзилҳои истиқоматии нав минтақаҳои «сабз» – ба шумораи аҳолӣ мутаносиб бошад. Ин вокуниш ба норозигии ҷомеаи васеъ нисбат ба коҳиш додани минтақаҳои «сабз» тўли солҳои охир ҳоҳад буд.

Талаби он ки ҳар гуна сохтмон дар минтақаҳои «сабз» ва дар нишебиҳои кўҳҳо, инчунин дар соҳилҳои дарёву кўлҳо танҳо пас аз гузарондани экспертизаи экологӣ ва назорати ҷамъиятӣ, ки хоҳиши самимии аҳли ҷамъият мебошад, анҷом дода шаванд.

Пўшида нест, ки солҳои охир баъзе минтақаҳои «сабз» худсарона ишғол карда, дар натиҷаи буридани дарахтони зиёд сохтмонҳо анҷом дода шуданд. Дар ниҳояти кор ин боиси бад шудани на танҳо вазъияти экологии ҳудуд, балки саломатӣ ва сифати зиндагии аҳолӣ мегардад. Аз ин рў, сарфи назар аз миқёси сохтмон, бояд минтақаҳои «сабз»-и он ба ҳисоб гирифта шавад.

Ба фикрам, ташаббус оид ба таҳияи **«Стратегияи рушди устувори экологӣ»** ва **«Индекси гузариш ба иқтисодиёти «сабз»**-и соҳаҳо ва минтақаҳо барои ояндаи кишвар аҳамияти бузург доранд. Зеро, бо кадом давлатҳои ҷаҳон ҳамкориро инкишоф надиҳем, на бояд фаромўш кард, ки ин нишондиҳандаҳои вазъияти экологии ҷумҳурии мо низ аҳамияти муҳим дорад.

Дар барнома вазифаи таъхирнопазири муттаҳид намудани тартибу талабот оид ба истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ бо роҳи кодификатсияи ҳуҷҷатҳои қонунгузории ҷудогона дар соҳаи экология, об ва ҷангал муайян карда шудааст.

Кодификатсияи қонунгузорӣ дар соҳаи экология дар кишвари мо бо тамоюлҳои ҷаҳонии рушди ин соҳаи ҳуқуқ мувофиқат мекунад.

Номзад дар барномаи пешазинтихоботии худ дар бораи қабули **Қонун «Дар бораи партовҳо»** дар таҳрири нав, ки идоракунӣ ва азнавкоркарди партовҳои хавфнок, тиббӣ, биологӣ ва сохтмониро ба танзим меоварад, инчунин механизмҳои ҳуқуқии ҷамъоварии маводи банду басти экологиро, ки ба муҳити зист зарар мерасонанд, муайян мекунад, пешниҳод тақдим менамояд. Ин имкон медиҳад, ки мушкилоти партовҳо бо роҳи танзими ҳуқуқии соҳа ҳал карда шавад.

Агар гўем, ки дар роҳи ғамхорӣ ба табиат тарбия намудани аҳолӣ, махсусан ҷавонон гарави устувории экологӣ мебошад, муболиға нахоҳем кард. Ҳалли ин масъала низ дар барномаи номзад инъикос ёфтааст.

Ташаббуси ҷалби намояндагони мақомоти давлатӣ, субъектҳои соҳибкорӣ, мақомоти худидораи шаҳрвандон, созмонҳои ғайридавлатию ғайритиҷоратӣ, ВАО ва дигар ниҳодҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ ба татбиқи стратегия ва барномаҳои ҳаллӣ мушкилоти иҷтимоиву иқтисодӣ ва экологӣ сазовори эътироф аст.

Интихобкунандагонро даъват менамоям, ки ба номзад аз Ҳизби экологии Ўзбекистон Абдушукур Ҳамзаев овоз диҳанд!

**Айсанем БЕГИМОВА, раиси Шўрои қароқалпоқистонии ташкилоти ҳизбии Ҳизби экологии Ўзбекистон:**



– Номзад ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Абдушукур Ҳамзаев дар татбиқи барномаю лоиҳаҳое, ки ба пешгирии мушкилоти экологии минтақаи баҳри Арал, ҳифзи он аз оқибатҳои манфӣ нигаронда шудааст, саҳми муносиб мегузорад.

Солҳои охир дар ҷумҳурӣ ба нарм гардондани оқибатҳои фоҷиаи экологии баҳри Арал, саломатӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии назди Арал, рушди иқтисодии минтақа ва беҳдошти мувозинати экологӣ эътибори бузург дода мешавад. Дар барномаи пешазинтихоботии номзад **мунтазам идома додани корҳое, ки дар минтақаи Арал гузаронда мешавад**, пешбинӣ шудааст.

Аз ҷумла, бо роҳи нарм гардондани оқибатҳои фоҷиаи экологии баҳри Арал ба беҳдошти минбаъдаи вазъияти экологӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ, шароити зиндагии аҳолӣ дар минтақаи назди Арал эътибори бузург дода мешавад.

Он чиз аҳамияти бузург дорад, ки дар барномаи номзад чунин масъалаҳои муҳим, ба мисли таъмини шуғли аҳолӣ дар минтақаи назди Арал, **офаридани «камарҳои сабз» дар атрофи нуқтаҳои аҳолинишин**, ба мисли Нукус, Бухоро, Урганҷ, Хева, Навоӣ, Мўйноқ инъикос ёфтаанд. Дастгирии ҳамаҷонибаи аҳолии ноҳияҳои Мўйноқ, Қўнғирот, Қораўзак, Нукус, Чимбой, Шўманай, ки дар шафати баҳри Арал ҷойгир шудаанд, инчунин татбиқи лоиҳаҳои муҳими инфрасохторӣ дар ҳудуди онҳо масъалаҳои мубрам ба ҳисоб мераванд.

Дар натиҷаи фоҷиаи баҳри Арал мушкилоти нарасидани захираҳои об, биёбоншавӣ, коҳиши гуногунии биологӣ, тағйирёбии иқлим ва дигар мушкилоти экологии ҷаҳонӣ муташаниҷ мегарданд.

Маҳз номзад дар барномаи пешазинтихоботӣ ба ин масъалаҳо эътибор дода, вазифаҳои паст кардани вазъияти экологии минтақаи Аралро пешниҳод менамояд. Бо роҳи пурзўр намудани кор оид ба ҷорӣ кардани инноватсияҳои экологӣ ва технологияҳо мо ба аҳолӣ дастгирии иҷтимоиву иқтисодӣ расонда, шароитҳои муносиб фароҳам оварда, сатҳи зиндагиро ба таври назаррас баланд мебардорем.

Аз ин рў, ман тамоми ҳамватанонамонро, ки ба масъалаҳои экологӣ бефарқ нестанд, даъват менамоям, ки ба тарафдории Абдушукур Ҳамзаев овоз диҳанд.

**Зиновий НОВИТСКИЙ, фаъоли Шўрои марказии Ҳизби экологии Ўзбекистон, доктори фанҳои хоҷагии қишлоқ:**



– Абдушукур Худойқулович – олими маъруфи соҳаи экология, кишоварзӣ, хоҷагии обу ҷангал мебошад. **Тақрибан 300 мақолаи илмии ў** дар нашриёҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд.

Номзад яке аз инноваторҳои илмҳои кишоварзӣ ва экологӣ ба шумор рафта, 13 навъи зироати чормағзпарвариро ба вуҷуд овард, ки дар 9 минтақаи ҷумҳурӣ ҷорӣ карда шудаанд. Вай, инчунин барои бехатарии озуқаворӣ навъҳои картошка, тарбуз, ҷуворимаккаи ширин ва бататро офаридааст. Ў инчунин барои зиёда аз 15 ихтироот, ки дар истеҳсолот васеъ ҷорӣ карда мешаванд, шаҳодатномаи патентӣ гирифтааст.

Натиҷаҳои ин тадкиқот на танҳо дар мамлакати мо, балки дар хориҷ низ баҳои баланд гирифтаанд.

Пешниҳодҳое, ки номзад оид ба таъмини бехатарии маҳсулоти хўрокворӣ дар кишвари мо ба миён гузоштааст, аҳамияти муҳим доранд, зеро онҳо ба таҷрибаи илмӣ асос ёфта, мақсадҳои конкретӣ доранд. Ҳамин тариқ боназардошти имконияти маҳдуди **васеъ кардани майдонҳои обёришаванда** пешниҳод карда мешавад, ки **технологияҳои «оқил» ва сарфакунандаи захира дар амалиёти кишоварзӣ босуръат ҷорӣ карда шавад**. Ба шарофати ин имкон пайдо мешавад, ки амнияти озуқавории кишварамон таъмин гардида, талаботи аҳолии мо, ки ҳамасола қариб 1 миллион нафар зиёд мешавад, бо маҳсулоти озуқаворӣ таъмин карда ва болоравии сунъии нархҳо дар бозорҳо пешгирӣ карда шавад.

Боз як пешниҳоди аз ҷиҳати илмӣ асосноки Абдушукур Ҳамзаев **пурзўр гардондани дастгирии давлатӣ дар соҳаи рўёндани маҳсулоти органикии кишоварзӣ** ва танзими истифодаи моддаҳои кимиёвӣ ва организмҳои аз ҷиҳати генетикӣ тағйирёфта мебошад.

Ҳамчун олим метавонам бигўям, ки фарҳанги анъанавии сабзавоткорӣ ва боғдорие, ки дар Ўзбекистон инкишоф ёфтааст, имкон медиҳад, ки бидуни истифода ё камтар истифода бурдан аз технологияҳои модификатсияи генӣ меваву сабзавоти аз ҷиҳати экологӣ тоза бо таъми аъло ва хусусияти истеъмолӣ рўёнда шаванд. Ба фикрам ин таклиф олимони моро, ки ба тадқиқоти илмии соҳаи кишоварзӣ машғуланд, бетафовут намегузорад.

Ҷолиби диққат аст, ки дар баробари ин дар барномаи номзад бинобар самти рушди соҳаи илм ба васеъ гардондани миқёси тадқиқотҳои экологӣ ва фаъолияти инноватсионӣ эътибори ҷудогона дода мешавад. Пеш аз ҳама, зиёд гардондани ҳаҷми маҳсулоти илмӣ ва васеъ ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионӣ дар асоси рушди босуръати илм, ки ба коркарди технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза, бепартов ва сарфакунандаи захираҳо нигаронда шудаанд, ба назар гирифта шудааст.

**БА НОМЗАД АЗ ҲИЗБИ ЭКОЛОГИИ ЎЗБЕКИСТОН АБДУШУКУР ҲАМЗАЕВ ОВОЗ ДИҲЕД!**



## МАСКАНИ НАВ КУШОДА ШУД

***Дар солҳои охир дар ноҳияҳои вилояти Сирдарё якчанд маскани замонавӣ таъсис ёфтааст. Дар ноҳияи Гулистон чорабинӣ бахшида ба ифтитоҳи маскани нав – Маркази маънавият ва маърифат баргузор шуд.***

Дар он ҳокими вилоят Акмалҷон Маҳмудалиев, роҳбарони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ, намояндагони соҳаи таълими халқ, масъулони ҳокимият, фаъолони Иттифоқи ҷавонон, вакилони ҷамоатӣ ва донишҷўён иштирок намуданд.

Ҳокими вилоят, таъкид намуд, ки фазо фазои муоширати ҷавонони эҷодкор аст. Дар Ўзбекистони Нав ба сифати бунёдкорони ояндаи мамлакат, барои дониши амиқ гирифтан ва аз ҳар ҷиҳат солим ба воя расидани ҷавонон шароити муносиб фароҳам оварда мешавад. Дар ин бобат дар доираи панҷ ташаббусе, ки аз ҷониби Президент пешбарӣ гаштааст, корҳои бунёдкоронаи бузурге, ки дар деҳот ба амал меоянд, барои ташкил намудани фароғати ҷавонон, мутолиа, шуғли мунтазам бо варзиш заминаи мусоид ба вуҷуд оварда шудааст.

Дар маскани нав барои эҷодкорону хонандагон китобхона мавҷуд буда, дар он тамоми шароит фароҳам оварда шудааст.

Инчунин, дар даромадгоҳ лавҳаҳои дорои суханони ибратомўз, композитсияе гузошта шудаанд, ки аз ҳаёт ва фаъолияти шоирону нависандагони ҷумҳурӣ маълумот медиҳанд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти СИРДАРЁ.*

***Суратгир:*** *муаллиф.*

*Ба ҷойи табрик*

# «ҲАР НАФАС БО ШУКРГЎЙИҲО ГУЗАШТ...»

### ПАДАРГУМКАРДА

Давраи кўдакию наврасии Муҳаммадҷон, ки падараш дар Ҷанги дуюми ҷаҳон ҳалок гардида буд, бо машаққату тангдастӣ пушти сар шуд. Ҳоло ҳам он айёмро ёдовар шавад, чашмонаш об мегирад. Шайх Саъдӣ «... Ки дар хурдӣ аз сар бирафтам падар», ё Абдураҳмони Мушфиқӣ «Бо падар хурсанд будам, бевафоӣ кард умр» – гуфта бошанд, қаҳрамони мо рўйи падарро надидааст. Бино бар ин, дар ашъораш аз бепадарӣ шикваҳо дорад. Агар дар шеъри «Рози дил ба дарё» дар мисрае «рўзҳои сахти сангини маро» дар мисраи дигар «чашми чори кўдакиям чашмаоб» гуфта бошад, дар байте «Ҳамчунони кўдакии бепадар, Кўдакии хору зору дарбадар» ва дар байти дигар «Кўдакии бепадар оворагист, Бесару сомонию бечорагист» гуфтааст. Дар сарводаи «Ёд дорем» низ нолаҳои шоир хеле ҷонкоҳ ба риштаи назм кашида шудааст:

*... Зи санги кўҳ болин буд гоҳе,*
*Сари дуроҳа бепушту паноҳе.*
*Зи дасти ҷанг бо рўзи сиёҳе,*
*Ману Зархона онро ёд дорем....*
*Гаҳе мўҳтоҷ бар як пораи нон,*
*Гаҳе кўтоҳдасту тангимкон.*
*Ба гирдам модарам буд ашкрезон,*
*Ману Зархона онро ёд дорем.*

Бисёранд чунин аламрезаҳои шоир. Бояд гуфт, ки қисме аз эҷодиёти адиб баёнгари танҳо ҳаёти муаллиф набуда, балки инъикосгари зиндагонии гарони ятимону қисме аз мардуми он солҳо (40-50-уми асри XX) мебошад.

...Таҳсилро дар мактаби рақами 13-уми зодгоҳ сар карда, синфҳои 8-9-ро дар мактаби рақами 7-уми ба номи С. Айнии деҳаи Тиргарон давом дод. Ў аз соли 1963 фаъолияти омўзгориро оғоз кард, муддате дар мактаби рақами 12-уми деҳаи Чорбоғ, сипас дар мактаби деҳаи Зевар, ки шуъбаи мактаби Зархона буд ва баъдан ба мактаби зодгоҳаш омад... Солҳои 1965-1970 дар Донишкадаи давлатии омўзгории Самарқанд ба номи С.Айнӣ таҳсил кард. Аз солҳои таҳсил дар мактаб бо эҷод машғул шуда бошад ҳам, расман шеъри аввалинаш бо номи «Орзу» соли 1967 дар рўзномаи «Ҳақиқати Ўзбекистон» чоп шуд.

### АЗ «ГУЛИ САНГ» ТО «АМВОҶИ ВАРОРЎД»

Адиб бори ҳаёт, фаъолияти омўзгорию эҷодкориро якҷоя (дар шароити кўҳистон) пеш бурд. Оиладор шуда, соҳиби 8 писару 2 духтар гардид. Фарзандонро соҳиби хонаву дар намуд. Солҳои 1989-1994 сарварии мактаби рақами 13 ба номи Абулқосим Фирдавсиро бар ўҳда дошт. Солҳои 1995-1996 дар мактаби рақами 7 меҳнат кардааст. Аз миёнаҳои солҳои 80-уми асри XX панҷ нафар дилдодаи адабиёти бузургамон Сулаймони Хоҷаназар, Абдуллоҳи Раҳмон, Чоршанбеи Деҳнавӣ, Холбой Ҷалил ва Муҳаммадҷон Раҷабӣ маҳфили адабӣ ташкил дода, бо навбат дар манзилҳои якдигар ҷамъ меомаданд. Дар банди зерини мухаммаси шоир ба ҳамон нишастҳои адабӣ ишора аст:

*Хуштабъу шакарбору*
*шарифему хушоғоз,*
*Ахтарсифатонему*
*дурахшандаву ҳамроз,*
*Дилсўхтаву дилдодаву*
*савдоиву дамсоз,*
*«Майхораву саргаштаву*
*риндему назарбоз,*
*В-он кас, ки чу мо нест дар ин*
*шаҳр кадом аст».*

Дар заминаи маҳфили «Гули санг», ки соли 1992 дар назди рўзномаи «Ҳақиқати Сариосиё» («Сариосиё») бо ташаббуси муҳаррири шуъбаи тоҷикии он Асадуллоҳ Исмоилзода ташкил шуда буд, бо зиёд шудани миқдори эҷодкорон ва ба Самарқанд кўчидани Асадуллоҳ бо сарварии устод Абдуллоҳ Раҳмон дар ибтидои асри нав дар водии Сурхон маҳфили «Амвоҷи Варорўд» ташкил гардид. Муҳаммадҷон Раҷабӣ аъзои фаъолу ташаббускори маҳфилҳо буд.

### «ТАШНАИ ДИДОР»

Муҳаммадҷон соли 1995 китоби «Хотира»-ро дастрас намуда, ному насаби падар ва дар Берлин хок шудани ўро хонд ва танҳо пас аз ин ба марги падар бовар кард. Шеъри «Марги орзу» ба ҳамин лаҳзаи ҳаёташ бахшида шудааст:

*...Афсўс, баъди ним аср,*
*Марги падар шунидам.*
*Бо шеъри орзуям,*
*Ман алвидоъ намудам.*
*Афсўс, қисмати ман,*
*Ин қадр гашта сангин.*
*Рўҳи ту шод бодо,*
*Эй қиблагоҳ, омин!*

Маҷмўаи аввалини адиб бо номи «Ташнаи дидор»соли 1997 чоп шуд, ки ба падараш Абдуҳафиз Раҷабов бахшида шудааст. Китоб аз назму наср иборат буда, шеърҳояш бо тахаллуси Раҷаб навишта шудаанд. Адиб аз имтиҳонҳои ҳаёт сарбаландона гузашт. Аз зиндагиаш ба ҳама он талхию ширинихо, бурду бохтҳо ба Офаридгор шукрона мегўяд:

*Орзуямро, Худоё, раҳ кушо,*
*Бо хурўши мавҷҳою мавҷҳо...*
***
*...Некрўзӣ бо ризои Ҳақ расид,*
*Ҳар нафас бо шукргўйиҳо гузашт.*

### НАЗАРЕ БА «ГУЛОБИ ВАҲДАТ»

Маҷмўаи комили адиб зери унвони «Гулоби ваҳдат» соли 2022 нашр шуд. Китоб бо иқтибос аз устод Садриддин Айнӣ (тасвири Дараи Ниҳон) оғоз мешавад. Боби аввали китоб «Ваҳдатобод» номгузорӣ шуда, аз очеркҳои «Гулоби ваҳдат» (дар бораи таърихи бунёди обанбори Тўпаланг), «Дасти дуо», «Субҳи умед», «Амак» иборат буда, асоси воқеӣ дорад ва қаҳрамонҳо бо номҳои аслиашон оварда шудаанд.

Боби дуюм «Субҳи бахт» ном дошта, ҳикояҳои хонданибоби «Ширатро нафурўш, оча», «Посбони давлат», «Як шоми шаби зулмат»-ро дар бар мегирад. Дар ҳикояҳо адиб русуми қадима, ки боиси марг мешаванд, давлатталабӣ, гурусначашмӣ, такаббур ва ғайраро танқид намуда, азиз донистани зодгоҳро таъкид мекунад: «... одам ҳар як ваҷаб замину ҳар як сангу чўби деҳаашро хуб надонаду дар ёд нагирад, вай фарзанди деҳ ҳисоб намеёбад. Гузаштаи деҳаатро хуб донӣ, ҳама чизро, ҳама ҷоро, ҳатто оламро хуб дониста метавонӣ».

«Маснади шеър» номи боби сеюми китоб буда, аз 21 шеър иборат аст. Шеърҳо дар мавзўъҳои Ватан, баҳор, Наврўз, ифтихор аз ниёгони бузург, гиромидошти зодгоҳ эҷод шудаанд:

*Аз умеди кишта ояд бўйи нон,*
*бўйи баҳор,*
*Бўйи дастархони пурфайзи замон,*
*бўйи баҳор.*
*Гавҳари обила дорад дастҳои*
*меҳнатӣ,*
*Саъйи эъҷоз оварад аз бўстон*
*бўйи баҳор.*
*Ҳар кӣ обе бар муроди боғи*
*дилҳо мебарад,*
*Ояд аз дилҳои чун оби равон,*
*бўйи баҳор.*
*Розҳо дар номаҳои ошиқӣ*
*гул мекунанд,*
*Медамад аз номаҳои гулфишон*
*бўйи баҳор.*
*Резаборон бошаду бошад суруди*
*ёр-ёр,*
*Дўстдорӣ бошаду ояд аз он бўйи*
*баҳор.*

Боби чорум «Ашки дил» ном дошта, аз марсияҳои ҷонгудозу тасаллиёт иборат аст, ки шоир аз марги пайвандону наздикон ба фиғон омада, «аламро зи қалам» гирифтааст...

Дар марсияи «Умеди рўзгорам рафт-рафт», ки ба писари қобилу ҷавонмаргаш бахшидааст, бо ҳасрат менависад:

*Аз дили шўридаам шўру шарорам*
*рафт-рафт,*
*Шоҳини парвози шавқам*
*аз канорам рафт-рафт.*
*Нолаву оҳи дилам гўши фалакро*
*кар намуд,*
*Даркушои дидаи дар интизорам*
*рафт-рафт....*

Боби панҷуми китоб «Ман ба як ҳарфи сазовори Ватан ҷон медиҳам» ном ниҳода шуда, аз ғазал, мухаммас, дубайтӣ, чорпораҳо иборат аст.

14 ҳикояи ҳаҷвии нависанда дар боби ҳаштум ҷой дода шудаанд. Ҳикояҳо аҳамияти тарбиявӣ дошта, дар онҳо хислатҳои манфии инсонӣ аз қабили ришвахўрӣ, бадгумонӣ, дурўғгўйӣ, ҳарисӣ танқид карда шудаанд.

Тобистони соли 2020 дар Зархона (зодгоҳи падарию бобоиям) меҳмон будам. Шабе адиб ба манзилаш даъват кард. Устодони собиқ, омўзгорон, шогирдони устод дар манзили адиб ҷамъ омаданд ва он шаб суҳбати ҷолиби адабию таърихӣ барпо шуд.

**(Давомаш дар саҳ.4).** ⇨




# «МОДАР»-И ТЕАТРИ ТОҶИК



Дар ёд надорам, ки нахуст чеҳраи малеҳу ҷаззоби Марям Исоеваро, ки эҳтиром ба шахсияташ дорам, кай, дар иҷрои кадом нақш: дар филми «Ҳасани аробакаш», «Достонҳои «Шоҳнома», «Модар», «Роҳҳо гуногун мешаванд», «Асрори оилавӣ» ва ё «Гунаҳкорони бегуноҳ»... дидаам.

Дар борааш зиёд навиштаанд, дар саҳнаҳою минбарҳои гуногун номаш вирди забонҳо буд, ба воситаи радио ва телевизион муаррифӣ кардаанд. Ба устураи зиндаи театр ва кино табдил ёфт. Соҳиби мукофотҳои арзишманд – ордену медалҳои «Дӯстӣ», «Шараф», «Ҷило», «Шуҷоат», «20-солагии ҷавонон» ва «Ситораи тилло» гардид.

Дар тӯли 60 сол содиқона, софдилона баҳри санъати тоҷик хидмат кард. Вай ақида дошт, ки агар кас кору пешаи худро сидқан дӯст дорад, тамоми душворӣ, ғаразу фитна ва монеаҳоро аз сари роҳ дур карда, ба мақсад мерасад.

Дар офаридани нақшҳо кӯшидааст, ки дилу чашму забонаш дурӯғ нагӯянд. Дарк мекард, ки тамошобин самимиятро эҳсос мекунад ва мепазирад, ҳар нақше, ки аз дили ӯ мебарояд, ба дили дигаре ҳамоно ворид мешавад. Омили асосии маҳбубият, маъруфият ва мондагории ҳар эҷодкор низ самимият аст.

Шуҳратманд шуд, вале шуҳратпарастиро намеписандид, мегуфт, ки ҳар қадар шуҳратманд шудӣ, ба қабристон ва беморхона бирав, ба нодору ночорон нигоҳ кун.

Ӯро ба сифати ҳунарпешае мешиносанд, ки шуҳрати театру кинои тоҷикро боло бардоштааст.

Ба Марям Исоева аз қадами аввали ба саҳна омаданаш, яъне соли 1968 иҷрои нақшҳои мураккаб насиб мешуд. Дар 19-солагӣ нақши рускампири 70-сола Аринаро дар намоиши «Камбағалӣ айб нест» иҷро кард. Баъдан дар намоишномаҳои гуногун нақшофарӣ кард, бештар аз рӯйи асарҳои классикони ҷаҳонӣ нақшҳои асосиро иҷро намуд. Садҳо симои офаридааш дар таърихи театру кинои тоҷик ва фонди тиллоӣ ворид шудаанд.

Марям Исоева симои модарро хуб офаридааст. Модарномаҳояш ифодакунандаи меҳру муҳаббат ва тавоноии зананд. Шояд аз ин сабаб мухлисонаш ӯро «Модари театри тоҷик» номидаанд.

Ӯ симои модарро аз модаркалонаш, ки қоматбаланд буду нигоҳҳояш самимияту муҳаббат буданд, омӯхта, иҷро мекард. Ҳатто шеваи роҳгардиро аз ӯ омӯхта буд. Гуфтан мумкин аст, ки модаркалон барояш эталон ҳисоб мешуд.

Вай собит кард, ки зан танҳо ҷинси латифу нозук нест, вай бо шуҷоату қавиродагӣ ва азми худ исбот кардааст, ки метавонад бо фаросату дурбинӣ ва дастони пурэъҷозаш ҷомеаро ба сомон биёрад.

Бовару эътимоди мо бар он аст, ки нақшу мақоми зан минбаъд низ дар ташаккули ҷомеа, пешрафту шукуфоии Ватани азизу маҳбуб, тарбияи насли наврасу солиму комил назаррас ва ҳалкунанда хоҳад буд.

Зан пеш аз ҳама модар, тарбиятгар, рамзи покиву муҳаббату садоқатмандист ва вай дар масъалаи муносибат, эҳтиром, гуфтору рафтор бояд эҳтиёткор бошад. Агар дар ниҳоди зан худҳимоякуниро тарбия накунем, пешравиро интизор шудан амри маҳол аст. Бояд худро аз ҷамъият канор нагираду дар ҳама ҷой мавқеи худро дошта бошад, соҳиби маданияти воло ва донандаи таърихи куҳани диёру аҷдод бошад.

Ба Марям Исоева Худованд чеҳраи зебову бегазанд, қомати мавзуну баланд, хираду тафаккур, муҳаббату таҳаммул, овози дилнишинро бо симои гарму дили нарм арзонӣ доштааст. Тавре ки худ нақл мекунад, хислатҳои хуброаз қаҳрамонҳояш омӯхтааст.

Ба иншои ин сатрҳо маро як суҳбати ин ҳунарпеша бо журналисте такон дод. Вай мегуфту ман шунида торафт дар ҳайрат мешудам ва саволҳое дар сарам пайдо мешуданд: «Наход?! Ба сари як зан – ҳунарпешае, ки як умр барои халқу кишвараш хидмат кардааст, ин қадар бало биборад? Эй, вой мо!»...

Дарёфтам, ки чеҳраи ҳунарии пуртазодест. Аз як тараф саршиносу офарандаи беҳамтои нақшҳои модар ва зани тоҷик ва аз тарафи дигар чеҳраи сиёсӣ, ки саропо аз ҷаҳду талош ва мубориза иборат аст. Дурӯғ ва хиёнатро таҳаммул карда наметавонад. Диққати маро бештар ҳақиқатҷӯйиҳои ӯ ба худ мекашид, дар ҷомеаи каҷрафтор ҳидоятгари ҳақиқат буд.

Дар замони ҷанг барояш ҳузновартарин ин буд, ки 12 тан наздиконашро аз даст дод. Зарбаи муҳлик он буд, ки дар як вақт духтару домод ва набераи ширинашро гум кард. Маъюс гашт. Дигар ягон чиз ӯро наметавонист ба саҳна баргардонад, ба ҷуз ягона орзуе, ки духтари нокомаш дошт, яъне таъсиси Созмони кӯдаконаи «Гули умед». Сабру таҳаммулҳояш мушкилотро осон карду ба талхиҳо шаҳд бахшид.

Соли 1994 ба хотири духтари зиндаёдаш ин созмонро таъсис дод. Кӯдакони боистеъдодро ҷалб карда, намоишҳо ба саҳна мегузошт. «Гули умед» аввалин театри кӯдакона дар қаламрави Тоҷикистон буд. То ин замон Тоҷикистон ҷумҳурие буд, ки театри бачагона надошт. Худи Исоева барои ин театр даҳҳо асар навишта ба хонаи маъюбон, ятимхонаҳо, интернатҳо рафта, барои ташнагони меҳр нақшҳо офаридааст. Бо ин ӯ собит кард, ки ин қишри аҳолӣ низ қисми ҷудонашаванда ва соҳибҳуқуқи ҷамъият аст. Дар ҷашни 20-солагии ЮНЭСКО бо театри кӯдаконаи худ ширкат карда, яке аз ҷоизаҳоро ба даст даровард.

Мутаассифона, нагузоштанд, ки фаъолияти баҳри ҷомеа муфидашро давом диҳад, яъне театр баста шуд.

Ӯ як умр мегуфт, ки театр хонаи якумаш аст, на дуюм. Вай фарзанди шуҳратёри диёр ва ҷаҳони санъат аст, аммо аз хонаи аввалину асосияш дур карданд.

Марям Исоева чизи аз ҳама муҳимро ҳифз кард, обрӯву эҳтироми мардумро.

Ӯ аз хурдӣ китобхон буд. Ҳатто дар торикиҳо илоҷе пайдо карда китоб мехонд.

Ҷасорат дар ниҳоди ӯ шояд аз падараш гузаштааст. Аз нақлҳояш бармеояд, ки падари энсиклопедист-донишманди пурдидае доштааст.

Марям Исоева дар саҳнаҳои бузург нақшҳои марказӣ, драмавӣ, лирикиву мазҳакавиро бозидааст. Ба ақидаи вай, театр минбарест, ки ба воситаи он мешавад бисёр корҳои бузургро амалӣ сохт. Намоишҳои театрӣ ҳатман бояд одамро бедор кунанд, задухӯрдҳо дошта бошанд. Вай аз намоишномаҳои хушк парҳез дорад. Ба фикри ӯ, касби санъаткор заҳматталаб аст ва санъаткор бояд ҳамеша заҳмат кашаду муттасил ҳунарашро сайқал диҳад. Ӯ тамоми фаъолият ва заҳматҳои хешро сарфи некӯаҳволӣ ва саодатмандии халқи азизи худ ва тарбияи шогирдони садоқатманд намудааст, ки аксари онҳо дар саҳнаҳои ватаниву байналхалқӣ маъруфу машҳур гаштаанд.

Шогирдони ҳунарпеша нисбаташ ҳамеша меҳрубон буданд. Ӯ фахр мекунад, чунин шогирдон дорад.

**Амина ШАРОФИДДИНОВА,**
**узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон.**

---

*Ганҷи ороста*

**Низомии ГАНҶАВӢ**

(АЗ «ШАРАФНОМА»)

*Чу дар ман гирифт он насиҳатгарӣ,*
*Забон баргушудан ба дурри дарӣ.*

*Ниҳодам зи ҳар шева ҳангомае,*
*Магар дар сухан нав кунам номае.*

*Дар он ҳайратободи беёварон,*
*Задам қуръа бар номи номоварон.*

*Низомӣ, ки назми дарӣ кори ӯст,*
*Дарӣ назм кардан сазовори ӯст.*

*Чунон гӯяд ин номаи нағзро,*
*Ки равшан кунад хонданаш мағзро.*

*Дили дӯстонро бад-ӯ нур бод,*
*В-аз ӯ дидаи душманон кӯр бод!..*

---

*Санҷиши қалам*

## ПАРЧАМИ МО

*Дар дили мо ҷо дорад,*
*Парчами давлати мо.*
*Пар афшонад, шавам шод*
*Дар саҳнаҳои дунё.*

*Чун ахтарони осмон,*
*Тобад ситораҳояш.*
*Рамзи Ватан бошад он,*
*Ҷонам фидо барояш.*

*Ғурури мо, шаъни мо,*
*Парчами давлати мо.*
*Номуси мо, фахри мо,*
*Парчами давлати мо.*

## ДУБАЙТӢ

*Тавону зӯру бозӯям, падарҷон,*
*Шафоатхоҳу дилҷӯям, падарҷон.*
*Надидам ҷуз ту марди хайрхоҳе,*
*Накӯхоҳу дуогӯям, падарҷон.*

***Рудоба ДОДОЕВА,***
*деҳаи Синтаби ноҳияи Нурато.*

---

*Аз рӯзгори бузургон*

## «БА ҲУРМАТИ ХУДО, МАРО БУБАХШЕД!»

Лев худро одами одӣ меҳисобид.

Зане дар истгоҳи поезд боркашонро мекофт. Аммо чашмаш ба ғайр аз марди қаддарозе, ки дар пой мӯзаи чармини сиёҳ дошт, ба дигар кас наафтод.

– Азизам, – гӯён муроҷиат кард занак, – агар малол наояд, барои то вагон бурдани ҷомадонҳоям ёрӣ мерасондӣ. Ташвиш накаш, ҳаққи хидмататро медиҳам, – гуфт ӯ.

Аз байн солҳо гузаштанд. Хонум дар чорабиние, ки дар Донишгоҳи давлатии Маскав мегузашт, иштирок менамуд. Толстой ҳам дар он ҷо ҳузур дошт. Ғайричашмдошт нотиқ эълон кард: «Сухан ба граф Лев Николаевич». Нависанда бо забони франсузӣ маърӯза кард. Хонум, ки дар паҳлӯи ӯ менишаст, нависандаро шинохту аз ғояти шарм дасту по хӯрд ва изҳор дошт:

– Лев Николаевич... Ба ҳурмати Худо... маро бубахшед.

Нависанда ба хонум гуфт: «Боке не, азизам, хиҷолат накашед! Ман меҳнати ҳалол кардам. Шумо аз рӯйи инсоф ҳақ додед. Меҳнат айб нест, охир!»

## «МАН АЗ ШУМО ҚАРЗДОР»

Бино ба нақли ҳамсинфон Николай Гогол овони мактабхониаш аз назди бенавоён бефарқ гузашта наметавонист. Агар барои садақа додан ба гадоён чизе наёбад, аз хиҷолат сар ба поин афканда, «маро бубахшед» мегуфтааст.

Боре зимни бозгашт аз мактаб духтарак садди роҳи Гогол шуд. Аз кисаи нависандаи оянда чизе набаромад. Духтарак садо баланд кард:

– Ба ҳаққи Худо садақа диҳед.

Гогол гуфт:

– Ман аз шумо қарздор.

Баъди чанд рӯз боз духтаракро дар роҳ вохӯрд ва гуфт:

– Мана ин қарзи аввалаам. Инашро бошад, барои имрӯз бипазиред.

Аз забони ӯзбекӣ тарҷумаи
**Раҳимшоҳ ШАРИФЗОДА.**

---

*Ҳикоёти муҷаз*

### Мӯйсафед...

Ду рӯз боз на ҷуръаи обе менӯшад, на мағзи ноне ба даҳон мениҳад. Хомӯш мегиряд ва сар аз ибодат барнамедорад, пайваста тасбеҳ мегардонаду зикри Ҳақ мекунад.

– То вопасин зиндаеро наҷот надиҳанд, аз гулӯям ҳеҷ чиз намегузарад, – мегӯяд ӯ маҳзун. – Ҳар гоҳ луқмае ба даҳон мебарам, кӯдаке пеши назарам меояд, ки зери вайронаҳо синаи модар меҷӯяд.

Дидагони ӯ тар мешаванд...

### Харгӯш ва Гург

Мӯйсафед аз деҳа омад. Фарзанди ӯ ҳоло шаҳрӣ аст. Ба қавли пирамард, хонаҳои шаҳриҳо мисли дили онҳо танганд. Ҳанӯз қадам ба остона нагузошта, пойи дигаратро берун аз он мебинӣ. Муродашон он буда, ки меойӣ ва зуд поятро берун мебарӣ. Вагарна дар ин хонаҳои чун катаки мурғ нафастанг мешавӣ. Аммо ин дафъа бобоуро нагузоштанд, ки ба зудӣ ҳавои деҳа кунад ва онҳоро ба дарозо пазмон.

Ҳоло аз қадамаш хонаи писар чароғон гашта буд. Вай набераҳоро навозиш мекард – аз кисааш гоҳ мавиз, гоҳе мағзи бодом ё зардолу, баъзан ғӯлингу қоқи шафтолу бароварда, ба кафи дастонашон мениҳод. Дунёи кӯдакон гул мекард, ифтихорашон чун шири болои алов дамидаву аз лаби деги вуҷудашон сарозер меомад. Худро ба гардани бобо меовехтанд, бо завқ риши сафеди ӯро қабза мекарданд, ба бағалаш ҷой шуда, мунтазири мурооте мемонданд...

Писар тараддуди ба кор рафтан дошт.

Телевизор мултфилми Харгӯшу Гург – «Ну, погоди»-ро намоиш медод. Пирамард болиштҳоро рӯйи ҳам чида, ба пушт хобид ва дар ҳалқаи наберагони шӯх бо завқ ба тамошо сар кард. Вай гоҳ дар лаб ханда дошт, гоҳе табассум, баъзан асабонӣ лаб газида, пич-пич чизе мегуфт ва дар ҳавои ҷунбиши лабҳояш риши сафедаш низ ба ҷунбиш меомад. Гоҳ қомат рост гирифта, бо надомат сар такон медод.

Писар вақте аз дар мебаромад, ин манзараро дида, аз дил гузаронд:

«Падараш ҳам ногузир дар таъқиби гурги аҷал мондааст ва чун филми бачаҳо харгӯшаки он мегурезаду мегурезад, баъзан халос мехӯрад, гоҳе ба чанги он даррандаи таъқибгар афтода, боз ба сад нағма раҳо меёбад. Аммо Гурги бадхашм дар таҳдид мудом дунболагири вай аст. Шояд фурсати мувофиқ мепояд...»

Мӯйсафед ҳоло шод аст, аз тамошои он филм баробари набераҳояш завқ мебарад...

Писар мутаассир банди туфлиҳояшро кушод ва канори падар нишаст. Як рӯз ба кор наравад, осмони Худо ба рӯйи замин фуруд нахоҳад омад. Фурсат ғанимат, дидор ғанимат...

### «Королева»

Либосҳои мо андаке фарсуда, пинабандӣ ҳам шудаанд ва чанг нишастааст, хоколуд, ҷой-ҷой лой чарахса кардааст, танга-танга доғ низ доранд. Дар зери офтоби рахшон ба обу арақ ғӯтида, ҳай кор мекунем: яке бел задаву зуд симонлой омода месозад, дигаре онро ба сатилҳо андохта, оҷил мекашонад, сеюмӣ ба ароба хишт бор карда, пеши устоҳо мебарад ва ғарам мезанад. Устоҳо... беист хаму рост шуда, ин масолеҳро кор мефармоянд. Баъзан норизо ғур-ғур ҳам мекунанд. Ва... дар ин миён девори хона оҳиста ҷон мегирад ва ба чашмҳо роҳат мебахшад.

Ин дам аз кӯча ду бонуи хушлибос ва ороставу пероста гузаштанд. Кадом атри бебаҳоро ба кор бурдаанд, ки шояд аз баёзи гарданашон, ё чоки гиребонашон... бӯйи хуше хеста, то машоми мо расид ва як лаҳза бозувони моро суст кард. Онҳо назаре ба мо афканда, рӯй турш намуданд ва байни худ чиҳое гуфта, хандазанон ба роҳи худ идома доданд.

Дӯстам оташин шуд, белро дар миёни ғарами симонлой бадқаҳр халонд. Ду даст дар миён симчӯби қади роҳҳо барин қомат рост гирифт, лабашро сахт газида, ба хироми он бонувон чашм дӯхт, ки дар ҳавои қадам гузоштанашон суринҳои дамидаашон пасту баланд мешуданд.

– Гӯё худашон «королева» бошанд! Э мур, тамасхур накарда! – чирти туф кард ба рӯйи хок ва оташи ғазабаш фурӯзон боз чанд дашноми дастабиринҷӣ ҳам ҳадя фиристод.

– Хайр, боке нест, – бепарво гуфтам ман.

– Карру фарашонро намебинӣ? Боз аз болои мо механданд!

– Ғам махӯр, ҷӯра, мо ҳарчанд ин ҷо чунин ҳоли низоре дорем, аммо занҳоямон бандча-бандча аз бонк пули мо фиристодаро, ки мегиранд, бешак дар ватан королева ҳастанд! – дилбардорӣ намудам ман.

Вай ҷабин молид, даст бурда, пушти гардан хорид, боз чирти ба рӯйи хок туф карда, белро ба даст гирифт.

Хаёл ӯро шояд ба сӯйи Ватан бурд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон.**

---

## АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ – ОИНАИ МАЪНАВИЯТ

*Дар доираи «Моҳонаи ҷавонон» дар ноҳияи Шофиркони вилояти Бухоро дар асоси лоиҳаи «Арзишҳои миллӣ» таҳти мавзӯи «Сеҳри кашидадӯзии миллӣ» чорабинии маънавию маърифатӣ баргузор шуд.*

*Дар давоми чорабиние, ки зери шиори «Ҷавонони Ӯзбекистони Нав, муттаҳид шавем!» баргузор шуд, як гурӯҳ аъзои ҷамъияти тарғиботии «Маърифат», фаъолони ноҳия ва ҷавонон дар хонадони истиқоматкунандаи маҳаллаи Боғиафзал, кашидадӯз Муҳаббат Қӯчқорова буданд.*

*Тарғиботчиён кашидадӯзии ҳунарманд ва шогирдони ӯро аз назар гузарониданд ва оиди ин намуди санъат маълумоти кофӣ пайдо карданд. Ин ҷо доир ба либоспӯшии миллӣ, занону духтарони имрӯз – давомдиҳандагони урфу одатҳои момоён сухан ба миён омад.*

*Мақсад аз гузаронидани чунин чорабиниҳо баланд бардоштани нуфузи арзишҳои миллӣ, дар қалби ҷавонон ҷой додани ин ҳиссиёт, тавассути либосҳои миллӣ тасаввур намудани симои занону духтаронамон мебошад.*

***Аксбардор: Т. ИСТАДОВ (ЎзА).***



---

## «ҲАР НАФАС БО ШУКРГӮЙИҲО ГУЗАШТ...»

(Аввалаш дар саҳ.3).

Сипас дар алоҳидагӣ адиб авроқи зиёди сафеднависшударо оварда гуфт, ки «дар шакли китоб даровардан лозим, диданаш насиб мекарда бошад?!» Чашмони эҷодкорро ашк гирифт, аз фавти устод Абдуллоҳ Раҳмон ёдовар шуд... Шукр бо ёрии пайвандону дӯстон китоб ибтидои соли 2022 аз чоп баромад.

Санаи 22-юми марти соли 2022 деҳаи Зархона симои баҳорию наврӯзӣ дошт. Омӯзгорону шогирдони мактаб бо омодагии хуб меҳмононро пешвоз гирифтанд. Маросими тақдимоти китоб баргузор шуд. Меҳмонон Чоршанбеи Деҳнавӣ, Асадуллоҳ Исмоилзода, Ӯғулой Ҷӯрабоева, Олим Панҷизода, Саодат Сангинова, Мусулмон Ғафурӣ ва дигарон сухан гуфтанд, табрик намуданд. Роҳбари мактаб Абдубаҳром Ғафуров, омӯзгори собиқадор Абдулфайзхоҷӣ Иззатуллоев меҳмононро хайрамақдам гуфта, аз хидматҳои шоир дар мактаб ҳарф заданд. Қаҳрамони мо хеле хурсанд буд, ба ҳамагон китоб туҳфа кард, аз ашъораш қироат намуд.

Мо пайвандон, дӯстон, мухлисон ва аҳли эҷод устодро бо санаи муборaки 80-умин солгарди умр муборакбод намуда, барояшон комёбиҳои эҷодӣ, айёми пурфароғати пирӣ ва саломатии бардавом таманно дорем.

**Маҳкам ҶАЪФАРЗОДА,**
*вилояти СУРХОНДАРЁ.*

Раёсати Бунёди фарҳанги тоҷик «Ориёно»-и шаҳри Тошканд ба муовини раиси бунёд Мурод Мақсудов нисбати вафоти нобаҳангоми писараш

**Озод МАҚСУДОВ**

ҳамдардӣ ва тасалии амиқ изҳор менамояд.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
*Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.*

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-625. Адади нашр 4584 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 21.20

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83;
Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.